Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036-и
назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
(734019, ш. Душанбе, к. Ф. Муҳаммадиев 17/6

**ТАҚРИЗ**

**Ба автореферати диссертатсияи Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновна дар мавзуи «Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи **Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновна дар мавзуи «Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»** ба яке аз мавзуъҳои мубрами забоншиносии муқоисавӣ – муқоисаи майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст. Боиси зикр аст, ки мавзуи мавриди таҳқиқ арзишманд буда, оид ба воҳидҳои гуногунсатҳи забонии ифодакунандаи маънои макон ва паҳншавии воҳидҳои мазкур дар дохили майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисиву тоҷикӣ маълумоти мухтасар медиҳад.

Таҳлили муқоисавии сохтор ва нишондиҳандаҳои таркибии майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба доираи таҳқиқи назариявӣ ва амалии масъалаҳои грамматикаи функсионалӣ шомил аст. Муҳаққиқ дар муқаддимаи диссертатсия қайд намудааст, ки солҳои охир дар забоншиносии муқоисавӣ сохтор ва таркиби майдонҳои функсионалӣ-семантикии модалият, замон, таксис ва амсоли он муфассал таҳлилу таҳқиқ шудаанд. Ҳамзамон, зикр гардидааст, ки воҳидҳои гуногунсатҳи забонии ифодакунандаи макон дар забони англисӣ ва тоҷикӣ аз тарафи донишмандони нуктасанҷ ботафсил омӯхта шуда бошанд ҳам, аммо таҳқиқи муқоисавии воҳидҳои мазкур дар ҳудуди майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ то имрӯз мавриди омӯзиши комил қарор нагирифтааст, ки ин масъала муҳиммияти мавзуи интихобшударо асоснок менамояд. Аз ин сабаб, ба риштаи таҳлил кашидани майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар ду забони муқоисашаванда, ки воҳидҳои гуногунсатҳи забонии ифодакунандаи маънои маконро фарогир аст, яке аз мавзуъҳои мубрам ва саривақтист.

Кори диссертатсионии **Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновна дар мавзуи «Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои**

**англисӣ ва тоҷикӣ»** мувофиқ ба талабот (стандарт) –ҳои нави илмӣ таҳия гардида, дар он тарзи овардани иқтибос, таҳияи бобу фасл ва зерфаслҳо, хулосаву рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима сурат гирифтааст, ки ба мазмун ва моҳияти дисертатсия арзиши дигар зам мекунад. Ҳамчунин ин тарзи таҳияи рисола барои корҳои илмию таҳқиқотӣ дар оянда метавонад чун роҳнамо хидмат намояд.

Мақолаҳо ба мавзуи таҳқиқшаванда мутобиқ буда, мундариҷаи кори илмии баанҷомрасидаро инъикос менамоянд.

Дар баробари дастовардҳои муҳим диссертатсия аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи рисола хеле муфиданд:

1. Дар аксарияти саҳифаҳо тарҷумаҳои оварда шуда бо забони тоҷикӣ мутобиқат намекунанд;.
2. Дар автореферати рисола хатогиҳои услубию имлоӣ ба назар мерасанд, вале манзалати онро коста намегардонанд.

Дар маҷмуъ, камбудиву норасоиҳои номбаршуда аҳамияти илмии таҳқиқи мазкурро халалдор намесозанд, зеро аксари онҳо ҷанбаи фаннӣ - тавсиявӣ дошта, ислоҳпазиранд ва ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Диссертатсияи номбурда таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ барои илми забоншиносии тоҷик маводи зарурӣ маҳсуб меёбад, ки кори таҳқиқотии нав буда, дастовардҳои илмии ӯ барои корҳои илмии минбаъда, таълифи осору мақолот ва таҳияи фарҳангҳои тафсирию соҳавӣ, ҳангоми тадриси фанҳои назария ва амлияи тарҷума ва тарҷумашиносӣ барои донишҷӯён истифода намуд. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар курсҳои махсуси грамматикаи функсионалӣ, грамматикаи назариявӣ ва амалии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, курсҳои назарии тарҷума ва типологияи муқоисавии забонҳо, ҳангоми таҳияи рисолаҳои магистриву номзадӣ аз рӯйи ихтисоси марбут метавон истифода бурд.

Фишурдаи диссертатсия (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ), осори илмиву мақолаҳои дар ин замина нашркардаи диссертант мазмуну муҳтавои диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос ва ифода мекунанд.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Диссертатсияи **Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновна дар мавзуи «Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»** кори анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Муқарриз:** номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калони кафедраи методикаи
таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Давлатзода Файзиддин Ҷамил

Суроғаи муқарриз шаҳри Кӯлоб кучаи Ҷ. Алӣ 75.
**Тел:** 992985891160

Имзои н.и.ф. Давлатзода Ф.Ҷ. - ро тасдиқ менамоям.
Сардори РК КМ – и ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Файзуллохуҷа Азизович

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (833-22) 2-35-06, (833-22) 2-36-26
Факс: (33-22) 2-35-06, www.kgu.tj

«18»-уми апрели соли 2025